

9-уми сентябри соли 1991 барои миллати бофархангу сохибтамаддуни точик санаи бисер хам гироми буда, дар ин рузи фарахбахш баьд аз хазорсолахо Точикистони азизамон сохибистиклол гардид.

Миллати сарбаланди мо хуб дар ёд дорад, ки давлати тозаистиклоли мо дар огози солхои аввали истиклолият ба гирдоби чанги шахрвандӣ гирифтор шуда, тамоми сохахои иктисодиву ичтимои фалач гардид ва давлатро бухрони сиёсву иктисоди фаро гирифт. Чунин вазъи пурфочиа хатари аз байнравии давлат ва парокандагии миллатро пеш оварда буд. Вале, хушбахтона, бо такя ба сабакхои таърих ва талошхои пайвастаи Асосгузори сулху вахдати милли – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба халки точик муяссар шуд, ки дар муддати кӯтох пеши рохи низоъи дахшатноки дохили гирифта шуда, барои интихоби низоми давлатдории муосир ва рушди мамлакат заминаи мусоид фарохам оварад.

Бояд кайд намуд, ки барои ноил шудан ба чунин дастоварди тақдирсоз Ичлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон, ки хануз 16- уми ноябри соли 1992 дар шахри Хучанд баргузор шуда буд накши калиди бозида, заминахои пойдори фарохам овардани рохи минбаъдаи рушди хаёти миллатамонро муайян намуд.

Мардуми шарафманди Точикистон бисёр хуб дарк намуданд, ки танхо дар фазои сулху вахдати миллӣ ва тавассути захмати ватандӯстона метавон давлати тозаистиклоли хешро ба мамлакати ободу тараккикарда мубаддал гардонид ва барои наслхои оянда як кишвари вокеан мутараккӣ ва мутамаддинро ба мерос гузошт. Вахдати миллӣ ва тачрибаи сулхофаринии точикон аз зумраи сабакхои басо арзишмандест, ки хам дар дохили кишвар ва хам дар сатхи чахонӣ мавриди кабулу омӯзиш карор гирифт.

Аз ин рӯ, вахдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати точик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонхои халкамон, ки бо калби пур аз умед интизори сулху оромӣ ва дӯстиву хамдигарфахмӣ буданд, заминаи вокеӣ гузошт.

Мардуми сохибмаърифату сулхчӯи мо тахти парчами вахдату ягонагии миллат ба хам омада, ташаббусхо ва талошхои пайвастаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон доир ба вахдат ва ягонагии миллиро хамчун шарти асосии пешрафти чомеа пазируфтанд ва барои пойдории он кушиш намуданд.

Моро мебояд Сулху вахдат ва ягонагии миллиро дар шуур ва калби наслхои ояндаи миллатамон бо як мехру мухаббат парвариш намоем, то ин ки онхо низ сахми арзандаи хешро содикона дар рушду инкишофи ояндаи кишвари азизамон гузоранд.

Хусрав Рачабов -

Узви фаъоли ХХДТ аз нохияи Зафаробод

Омузгори МТМУ 12